**Ба Шӯрои диссертатсионии**
**6D.KOA-002 назди Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон (734025,**
**ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи “Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) нешниҳод шудааст.**

**Мубраммияти мавзӯи тадқиқот.**Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ - яке аз самтҳои афзалиятноки рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XXI мебошад. Муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ҳамчун катализатор барои дигаргуниҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Он ба ташаккул ва пешрафти кишвар фаъолона таъсир, расонда сохторҳо ва механизмҳои бозор, ки ба ҷамъоварии ибтидоии сармоя, фароҳам овардани муҳити рақобат ва муайян кардани ҳавасмандии бозор дар тиҷорати ватанӣ, ҷорӣ кардани он ба таҷрибаи тиҷорати хориҷӣ замина мегузорад.

Гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, барҳам додани монополияи давлатӣ ба фаъолияти иқтсодии хориҷӣ имкон дод бозори нисбатан дастраси дохилӣ барои рақобати хориҷӣ ва сармоя, ва дар маҷмӯъ, барои рушди гардиши мол дар иқтисодиёти Ҷумхрии Тоҷикистон, ҳамгироии воқеии он ба ҷаҳон фароҳам оварда шудаанд.

Диссертатсияи Насрутдинзода С.Ш. дар мавзӯи “Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ” дар замони муосир бамаврид, буда дар он масъалаҳои муҳими қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф нуктаҳои илмӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

Ҳолатҳое, ки мубрам будани диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалиро собит месозад хело зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайднамуда ба охир намерасанд.

Махсусан, ҳалли вазифаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд, ба андешаи мо барои пурра ошкор намудани паҳлӯҳои гуногуни масъала ва моҳияти илмии он мусоидат намудаанд, аз ҷумла: омӯзиши пайдоиш, ташаккул ва хусусияти рушду такомули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ; муайян намудани мафҳум ва хусусияти фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар қонунгузорӣ; ошкор намудани мушкилоти вазъи ҳуқуқии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;таҳлил ва ошкор намудани хусусияти ҳуқуқии таъсироти давлатӣ дар татбиқи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ; ошкор намудани механизмҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон; муайян намудани хусусияти манфиатҳои миллӣ дар амалисозии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ; коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ.

Диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ бонизом таҳия гардида, фарогири ақидаҳои назариявӣ оид ба меъёрҳои қонунгузории граждании ва соҳибкорӣ мебошад, ба таҳлили ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ бахшида шудааст.

Сохтори диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтааст. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда бо таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ оид ба танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ тасдиқи худро ёфтааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои зерини умуминазариявӣ ва махсуси ҳусусии фаҳмиши илмӣ ташкил додаанд ва дар таҷриба санҷида шудаанд: мушоҳида, таҳлил, синтез, тасвир, ҳамчунин усулҳои таърихӣ ва муқоисавӣ–ҳуқуқӣ. Ғайр аз ин дар ҷараёни таҳқиқоти мазкур усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва интегралии натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби дигар олимони ҳуқуқшинос гузаронида шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд (саҳ. 9).

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳо, корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимон, ҳуқуқшиносони ватанӣ ва хориҷӣ, ба монанди Диноршоҳ А.М., Дмитриева Г.К., Ефремова Н.А., Занковский С.С., Иванов И.Н., Исмоилов Ш.М., Қурбонов Қ.Ш., Маҳмудов М.А., Менглиев Ш.М., Нодиров Ф.М., Одинаев А.Ш., Ойгензихт В.А.,

Олейник О.М., Раҳимов М.З., Раҷабов М.Н., Самадов Б.О., Сангинов Д.Ш., Сотиволдиев Р.Ш., Тағойназаров Ш.Т., Шевченко Б.И., Усмонов О.У., Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. ва дигарон ташкил додаанд.

Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию амалӣ такия намуда, натиҷагириҳо асосноку боэтимоданд ва ба хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин таҳқикотест, ки ба омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи илмию амалии танзими ҳуқукии фаъолияти соҳибкории иктисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур бо назардошти омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои нави ватаниву хориҷии илмӣ-назариявӣ, сарчашмаҳои хусусӣ ба амал баровaрда шудааст. Дар диссертатсия ба таҳлили мафҳуми фаъолияти соҳибкории иктисоди хориҷӣ, хусусияти танзими ҳуқукӣ, мавкеи ҳусусии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар замони муосир, ҷабҳаҳои таъсироти давлатӣ дар татбики фаъолияти иктисоди хориҷии соҳибкорон, татбиқи манфиатҳои миллӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар фаъолияти иктисоди хориҷӣ, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ аҳамияти хоса дода шудааст (саҳ. 10).

Нуқтаҳои асосии таҳкиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ дар сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ пешниҳод шудаанд. Аз рӯи масъалаҳои мавзӯи диссертатсионӣ дар умум ҳашт мақолаи илмӣ ба табъ расонида шудааст. Аз онҳо се мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп гардида, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд (саҳ. 16).

Ба талаботи КОА мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия. Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб (параграф), хулоса ва феҳрести маъхазҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он 213 саҳфаро ташкил медиҳад.

Ҳангоми таҳлили инкишофи динамикии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ диссертант чунин ҷабҳаҳои таъмини манфиатҳои миллиро ҷудо менамояд: “Якум, чунин ҳолати ҷамъиятест (давлат), ки дар натиҷаи ба миён омадани низоми иҷтимоии бухронӣ давлат ягонагӣ, тавоноӣ ва қобилияти самаранок фаъолиятбарӣ ва рушди худро нигоҳ

медорад. Бо ин асос давлат имконияти ҳифз намуданро аз ҳама гуна таъсироти берунаю дохилӣ ба объектҳои пуриқтидори кишвар дошта бошад. Дуюм, имконияти ҳифз намудани муқаддасоти миллӣ аз ҳама гуна таҳдидҳои зараррасонӣ барои кишвар ва халқи он. Сеюм, эҳтимолияти вуҷуд доштан ва рушди босуботи кишвар. Ин ҳолати ҷамъиятест (давлат), ки дар он таъсирот ва таҳдидҳои беруна ва дохила ба муқаддасоти миллӣ, тарзи ҳаёти солим, таъмини ҳифзи иҷтимоии миллӣ бартараф карда шудааст” (саҳ. 157-158).

Чунин хулосаи диссертант низ ба манфиат кор мебошад:“дар замони муосир нисбати таъмини рақобатпазирии соҳибкорони ватанӣ, ҳифзи бозор аз фаъолияти инҳисорӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, роҳ надодан барои расонидани зарари моддӣ ба онҳо фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ҳамчун мақоми ҳокимияти иҷроия пурзӯр гардонида шавад. Тавре мушоҳидаҳо, таҳлилҳо ва ё омор нишон медиҳанд, дар тӯли соҳибистиқлолии Тоҷикистон нисбати беҳтар намудани некӯаҳволии халқ, паст намудани нарх дар бозори молӣ, аз ҷумла нархи хизматрасониҳои давлатӣ натиҷаҳои на он қадар назаррас доранд”.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, аз ҷумла:

1.Банди якуми нуктаҳои барои ҳимояи пешниҳоднамудаи муаллиф хусусияти таърихи дошта, ба назари мо чунин диққати бисёр ба он ҷудо намудан барои манфиати кори илмӣ набуда, ба ихтисоси 12.00.03 рост намеояд.

2. Ба ақидаи мо банди панҷи нуктаҳои барои ҳимояи диссертатсия, хусусияти илмӣ надошта, муллиф танҳо бо суханҳои умум, ки танҳо сифатҳои итилоотӣ дорад маҳдуд гардидааст.

3. Муаллиф дар саҳифаи 181 зикр менамояд, ки “Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми ягонаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бояд бо нишонаҳои қонунии он мустаҳкам карда шуда бошад. Зеро, дар тӯли соҳибистиқлолӣ ин муқарраротдар қонунгузории ҷорӣ гуногунмазмун мустаҳкам гардидааст. Баҳри бо як мазмун ҷой дода шудани мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ба мақомоти қонунгузор зарур мебошад, ки тағйироту иловагиҳо ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, қонунҳои ҷорӣ ворид намояд”. Чунин хулосаи муаллиф якчанд саволҳоро ба миён меоварад, якум муаллиф аниқ наменамояд, ки мафҳум дар кадом қонун мустаҳкам гардад, дуюм, умуман чунин пешниҳод (мустаҳкам намудуни ин ё он мафҳум дар қонунгузорӣ) дар зинаи диссертатсияи номзади қобили қабул намебошад, чун ки на ҳама чизро

мо метавонем дар қонунгузорӣ ҷой намоем. Меъёрҳои қонун ҳамавақт бояд баҳри танзим намудани муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ равона карда шавад.

4.Хулосае, ки муаллиф дар саҳифаи 182-183 доир ба масъалаи таъмини амнияту саломатии шаҳрвандон ва ҳифзи муҳити табиат намудааст, ягон хусусияти молу мулки надошта, аз чорчӯбаи предмети диссертатсия баромадааст.

Эродхое, ки дар боло зикр шудаанд аз лихози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаходат медиханд, ки масъалахои баррасикардаи муаллиф марокангез буда, метавонад диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи "Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ" ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нвсрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан бандҳои 74-75 Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**Муаллими калони кафедраи**
**ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Сидиков Д.А.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон**
**734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30**
**Тел.: (+992 918) 97 19 91**
**e-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru**

Подпись Садиков Д.А.
заверяю
Начальник ОК РТСУ
Алиев А.Д.